# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Насридинов Қамариддин Шарифович дар мавзӯъи “Маҳсулнокии ҷавдори тирамоҳӣ вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити заминҳои обии водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01.-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Истеҳсоли дони зироатҳои ғалладонагӣ аз ҷумла парвариши ҷавдор дар кишти тирамоҳӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, он ба ҳалли яке аз ҳадафҳои стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ -таъмини бехатарии амнияти озуқавории кишвар мусоидат мекунад.

Мавзӯи унвонҷӯ Насриддинов Қ. Ш. ба ин самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ равона карда шудааст.

Рисолаи номзадӣ дар ҳаҷми 123 саҳифа навишта шуда, аз 6-боб: муққадима, тавсифи умумии кор, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, самараи иқтисодӣ, хулоса ва пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 3 расм, 21 ҷадвал, 10 диаграмма иборат буда, рӯйхати адабиётҳо 135, аз ҷумла 24 муаллифони хориҷиро дарбар мегирад, инчунин дар он замимаҳо дарҷ гардидаанд.

Муаллиф дар шароити иқлими водии Ҳисор бори аввал усулҳои кишт, меъёри кишт, чуқурии кишт ва самаранокии истифодаи нуриҳои нитрогенӣ, инчунин андохтани нурӣ ҳангоми пайдоиши барги охирони ҷавдори навъи “Вахш-116-ро” мавриди омӯзиш қарор додааст.

Инчунин, таъсири омилҳои санҷидашуда ба нишондодҳои фотосинтетикӣ ва маҳсулнокии ҷавдорро дар кишти тирамоҳӣ муайян карда, бартарияти усули кишти пуштагии ҷавдорро ҳангоми кишти тирамоҳӣ, нисбат ба кишти анъанавии ин зироатро нишон додааст.

Дар кори илмӣ шарҳи адабиётҳои илмӣ, коркарди барномаҳои таҳқиқот, иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ ва тавсияҳои хулосавиву пешниҳодҳо пурра дарҷ гардидаанд.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста аз вариантҳои истифода шуда, муаллиф муайян намудааст, ки ҳосили миёнаи ҷавдори кишти тирамоҳии навъи “Вахш-116” ба 56,3-64,2с/га баробар шудааст. Нисбатан ҳосили баландро усулҳои кишти камбари байни қатораш 10см ва пуштагӣ 63,2-62,6с/га, меъёри кишти 5млн/га тухмии сабзанда 60,3 с/га, чуқурии кишти 4см 61,9 с/га ва ғизодиҳӣ ҳангоми пайдоиши барги охирин 64,2с/га-ро таъмин намудаанд.

Насридинов Қ.Ш. натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар 12 банд ба намуди хулоса дарҷ намудааст. Инчунин ба истеҳсолот навъи ноҳиябандишудаи"Вахш-116"-ро тавсия доданд, ки барои гирифтани ҳосили 65-70 с/га дони ҷавдори кишти тирамоҳӣ гузаронидани кишт бо усулҳои кишти камбари байни қатораш 10 см, ё ин ки усули кишти пуштагӣ бо меъёри кишти 5млн/га тухмии сабзанда дар чуқурии 4-5см бо додани ғизои нитрогенӣ мувофиқи мақсад буда, ҳангоми риояи қоидаҳои агротехникии ин зироат ҳосили баланд ба даст оварда самараи иқтисодии хоҷагидорон зиёд мешавад.

Пешниҳоди интихоби дурусти ин навъ саривақтӣ буда, дар пешравии зироати ғалладонагии ҷавдор манфиатнок мебошад ва ба шароити иқлими ин минтақа мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи номзадии Насридинов Қамариддин Шарифович дар мавзӯъи "Маҳсулнокии ҷавдори тирамоҳӣ вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити заминҳои обии водии Ҳисор" ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳо ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда» таҳти № 505 аз 26 ноябри соли 2016 пурра мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 06.01.01.-зироаткории умумӣ, растанипаварӣ сазовор мебошад.

Муовини директор оид ба илм,
таълим ва тайёр кардани кадрҳои
илмии ММЗГ- АИКТ, н.и.к. Баротов Ф.М.

Суроға: 735104,
н. Рӯдакӣ,ҷ. Сарикиштӣ,
деҳаи Маҳмадшоҳи боло.
Тел. моб: 917175674

Имзои шахсии Баротов Ф.М.-ро тасдиқ мекунад.
Шуъбаи кадрҳои ММЗГ-и АИКТ Миҷгонаи Муҳиддин